# ХУЛОСАИ

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 оид ба диссертатсияи Ятимов Собирҷон Рустамович дар мавзуи "Нақши ВАО дар шароити инкишофи иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ:таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ", ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафӣ аз рӯйи ихтисоси 09.00.11-Фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафа) пешниҳод шудааст.

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин тасдиқ шудааст:

- докори илмҳои фалсафа Ҷононов С (09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ), раиси комиссия;
- докори илмҳои фалсафа Муминов А.И (09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ), аъзо;
- докори илмҳои фалсафа Самиев Б.Ҷ. (09.00.03 – Таърихи фалсафа), аъзо

Диссертатсияи Ятимов Собирҷон Рустамович дар мавзуи "Нақши ВАО дар шароити инкишофи иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ:таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ" ба таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва амалии нақши ВАО дар ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ бахшида шуда, дар шарои муосири инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам ба ҳисоб меравад. Инчунин, аҳамияту муҳиммияти омӯзиши масъалаи мазкур ба талаботи ҷомеаи муосир, аз ҷумла масъалаи дарки мафҳуми ВАО, ба хотири инкишофи ҷомеа истифода бурдани он, дар ҳамин замина ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия ва ба камол расонидани инсон ниҳоят зарур мебошад. Сиёсати иттилоотӣ дар аксари мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз ба хотири дуруст истифода намудани ВАО нигаронида шуда, рӯзномаву маҷаллаҳо ва телевизиону радио ҳамчун яке аз воситаҳои асосии таъсиррасонӣ ба афкори ҷомеа метавонад ба ҳалли мушкилоти мавҷуда фаъолона мусоидат намояд.

Бинобар ин, таҳқиқ ва мутолиа кардани ин таъсири ВАО ба ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ, аз он ҷумла афкори ҷамъиятӣ, рафтори шаҳрвандон, иродаи сиёсии онҳо, ходисаву падидаҳои гуногун, фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ буда, муҳиммияти баррасии мавзъи мазкурро таъмин менамояд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд.

ки дар марҳилаи муосир ҳамчун навгонии илмӣ арзёбӣ мешавад. Дастоварду натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф метавонанд ҳамчун заминаи методологӣ дар ҷусторҳои минбаъдаи илмӣ барои танзими самтҳои асосии рушди иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ, усулу воситаҳои татбиқу таҳкими принсипҳои ВАО мусоидат менамоянд.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои дахлдори Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ карда шудааст, мувофиқ мебошад. Дар диссертатсия масъалаҳое фаро гирифта шудаанд, ки ба раванди ташаккули афкори сиёсӣ-ҷамъиятии оммаи мардум, иштироки фаъол дар равандҳои иҷтимоию сиёсии кишвар, аз он ҷумла дар маъракаҳои интихоботӣ ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ алоқаманд мебошанд. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, мазмуну муҳтавои аниқ ва мантиқи муназзами дохилӣ дорад. Натиҷа ва нуқтаҳои навине, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, саҳми шахсии муаллифи диссертатсия мебошанд. Мазмуни автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқат мекунад.

Мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферати он ба ихтисоси 09.00.11-Фалсафаи иҷтимоӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионии 6DKOA-029, ки тибқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2022, №38 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо дода шудааст, мутобиқат мекунад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия** бо имконияти истифода намудани натиҷаҳои назариявӣ ва методологии ба даст овардашуда барои таҳқиқи фаъолияти матбуоти даврӣ ва таъсири сиёсии он дар давраи гузариш муайян карда мешавад. Хулосаҳои муаллиф метавонанд ба омӯзиши дақиқи назариявии равандҳои сиёсӣ, нақш ва мақоми ВАО дар ҳаёти ҷомеа мусоидат намояд. Илова бар ин натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқотро ҳангоми мукаммал гардонидани фаъолияти ВАО ва таъсири он ба равандҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намуд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Ятимов С.Р истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз

риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар таҳқиқоти мазкур, муаллиф бештар ба муқаррарот ва хулосаҳои муҳаққиқони тоҷику рус, ки бевосита ба мавзуи таҳқиқотӣ рӯоварӣ намудаанд, такя намудааст. Ҳамзамон, корҳои илмии олимон ва муаллифон, ки дар шакли монографияҳо ва мақолаҳои илмии дар маҷалаҳои тақризшавандаи байналмилалӣ, барномаю қонунҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, махзанҳои электронии интернетӣ, сомонаҳои расмии вазорату идораҳои дахлдори соҳавӣ ташкил менамоянд.

Ташхис нишон дод, ки диссертатсияи Ятимов Собирҷон Рустамович дар мавзуи "Нақши ВАО дар шароити инкишофи иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ:таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ", ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафӣ аз рӯйи ихтисоси 09.00.11- фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафа) хусусияти тозаэҷод дошта, ба тамоми талаботи таҳқиқоти илмӣ, муқарароти муайянкардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷавобгӯ мебошад.

Дар натиҷа ҳайати комиссия ба чунин хулоса омад:

1) Рисолаи таҳқиқшуда дар мавзуи «Нақши ВАО дар шароити инкишофи иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ: таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ» ба ихтисоси 09.00.11 - Фалсафаи иҷтимоӣ мувофиқ буда, яке аз масъалаҳои меҳварии он ба ҳисоб меравад.

2) Мазмуни автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқат мекунад.

3) Натиҷаҳои асосии диссертатсия, хулоса ва тавсияҳои Ятимов Собирҷон Рустамович, дар 3 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, ба чоп расонида шудаанд, мазмун ва эътимоднокии натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро ифода мекунанд.

4) Дар рисола натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ ва тавсияҳои амалии он нишон дода шудааст.

5) Пешниҳод карда мешавад, ки оид ба диссертатсияи Ятимов Собирҷон Рустамович ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ таъйин карда шавад.

6) Муқарризони расмӣ ба диссертатсияи Ятимов Собирҷон Рустамович мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:

- Солиҷонов Расулҷон - доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи ҷомеашиносии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд;

- Имомалиева Раногул Мамадалиевна - номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии МДТ Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода;

7) Барои ворид намудани автореферати диссертатсия ва эълони ҳимоя дар сомонаи ДМТ ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

8) Барои чоп намудани автореферати диссертатсия иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ
доктори илмҳои фалсафа Ҷононов С.

Аъзои комиссия:
доктори илмҳои фалсафа Муминов А.И.

доктори илмҳои фалсафа Саидов Б.Ҷ.

11.09.2024